**Низоми Абдуҷалил**

# Афсонаи дил

Душанбе
«Адиб»
2009

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-40

Муҳаррир ***Зиё Абдулло***

А-40 **Низоми Абдуҷалил. Афсонаи дил.** (Шеърҳо ва ҳикояҳо). – Душанбе, «Адиб», 2009. – 76 саҳ.

«Афсонаи дил» аввалин маҷмӯаи назму насри Низоми Абдуҷалил аст, ки ба муносибати 60-солагии муаллиф ба чоп мерасад. Чун миёни мардум зиндагӣ ва кор дорад, эҷодаш ҳам ба ҳамон завқу равиш рӯи сафҳа омада.

Китоб бо тамғаи нашриёти «Адиб» ба табъ расид.

ISBN 978-99947-57-992

© Низоми Абдуҷалил, 2009.

* * *

Боре ба дилам баҳри худо ҷуз ба қалам нест,
В-аз бори қалам бар дили ман ҷуз ба алам нест.

Аммо чӣ тавон кард, ки аз бешу ками даҳр
Савдои қалам дар сари ман андаку кам нест.

Бе ҷӯи қалам хушк шавад мазраи маънӣ,
Кӯр аст ва ё нест ҳамон дида, ки нам нест.

Дилро, ки чу боди саҳарӣ бесару бепост,
Ҷуз байти қалам бин, ки дигар ҳеҷ ҳарам нест.

Он харфи заминӣ, ки варо реша ба дилҳост,
Умре абадӣ бошаду бокаш зи адам нест.

В-аз дасти қаламкаш шуда имрӯз қаламкаш,
Девона махонеш, ки одоби карам нест.

*Июни соли 2008*

## САБЗА

Ширин-ширинай сабза,
Зеби заминай сабза.

Васфаш само гирифта,
По дар заминай сабза.

В-аз хоки мо бируста,
Бо мо қаринай сабза.

Дурӯза зинда бо гул,
Хуш ҳамнишинай сабза.

Ҳам хок мешавад ӯ,
Дунё ҳаминай, сабза.

Шодии мо дурӯза,
Ғам дар каминай сабза.

Ширин-ширинай сабза,
Зеби заминай сабза.

Ҳамчун ҷавонии ман
Ҳай нозанинай сабза.

З-ин рӯ магар, ки ин сон
Бо мо қаринай сабза.

Дар дида ҷо гирифта,
Ҳам дилнишинай сабза.

Ширин-ширинай сабза,
Зеби заминай сабза.

*Майи соли 2008*

## Ҷ И Р Г А Т О Л А М

Ҷиргатоли дилписандам, ошёни сарбаландам,
Кӯҳсори бегазандам, дил зи ту ҳаргиз накандам.

Гарчи дунё беканору ҳар куҷое рӯзгор аст,
Кай маро бе ту қароре чун ба ишқат пойбандам.

Зардуҳушро ошёнӣ, ёдгори ориёнӣ,
Дидбони тоҷиконӣ, аз баландиат баландам.

Порае аз кӯҳсори Тоҷикистони азизам,
Бе ту ҳеҷам ҳеҷ чизам, бо ту гирям, бо ту хандам.

## ШУКРОНА МЕКУНАМ

Ман ошиқи озодаам, шукрона мекунам,
Дилро ба каф бинҳодаам, шукрона мекунам.

Аз макрҳои зиндагӣ ҳолӣ дилам гирифт,
Бо қалби софу содаам шукрона мекунам.

Дасти тамаъ буридаам аз ҳирси молу чиз,
Бо чашмсерӣ зодаам, шукрона мекунам.

Ин чипсаворро бубин, роҳе набурдааст,
Ман раҳрави пиёдаам, шукрона мекунам.

Доде агар надодаам дар зиндагӣ, чӣ бок,
Доди сухан чу додаам, шукрона мекунам.

## ИШҚИ МАН

Ин қадар пар мезанӣ дар осмони орзӯ,
Ин қадар саргаштаӣ дар кӯи ёри фитнахӯ,
Ин қадар бигзаштаӣ аз баҳри нангу обрӯ.
Сар сафедӣ мекунад, ин дилхаробӣ то ба кай,
Ишқи саркаш то ба кай дилро барӣ кӯи ба кӯ.

Ё магар дар синаат дорӣ зи санги хора дил,
К-ин қадар бинмудаӣ саргаштаву овора дил,
Дар баҳои ишвае гардидаӣ сад пора дил,
Ҳайрате дорам, ки чун бо ин ҳама афсурдагӣ
То кунун ҳам метапӣ дар сина эй бечора дил.

Ақлу ҷону дил маро доим ба фармони ту буд,
Захмҳои ҷоншикори сина дармони ту буд.
Хастаи теғи нигаҳ гаштем, армони ту буд,
Бештар аз нӯшҳо неши муҳаббат дидаем,
Ҷонфишониҳо вале ҷони ману ҷони ту буд.

Эй зи дасти ту бидида сад ҳазор озор дил,
Дар шикасти зулфи ӯ бишкаста шуд бисёр дил.
Аз бисоти орзуяш сад гулу гулзор дил.
Орзуҳо пир гашту ғунчаи дил во нашуд,
Ҷои гул дорад кунун андар ниҳодаш хор дил.

Зиндагонӣ, ишқи ман, кай бе туам зебо шавад,
Одамиро з-оташи ту меҳри дил илқо шавад,
Гарчи бо ту бо умед имрӯз ҳам фардо шавад,
Ҳадди худ бояст бишносид ин арзандагист,
З-он ки гӯяд «Ҳар ки аз ҳад бигзарад, расво шавад.»

*Декабри соли 1984*

## БОЗ ОМАДӢ БА ХОБАМ…

Боз омадӣ ба хобам, бурдӣ қарори дилро,
Сад захми кӯҳна рӯ зад дарди ҳазори дилро.

Хандону тозарӯӣ чун лолаи баҳорон,
Он сон, ки бурда будӣ бо худ баҳори дилро.

Бо ноз ханда кардӣ, гӯё наметавон дид,
Дар умқи хандаи ту ашки қатори дилро.

Фасли ҷавонӣ тай шуд, савдои мо напухта,
Хокистарест бар каф шӯру шарори дилро.

Раҳгуми зиндагонист, он ки наметавонад
Бо зӯри ақл бурдан бар дӯш бори дилро.

Боз омадӣ ба хобам, бурдӣ қарори дилро,
Сад захми кӯҳна рӯ зад дарди ҳазори дилро.

*Ноябри соли 1985*

* * *

Ишқ агар парвоз дорад, боли парвозаш манам,
Ишқ агар эъҷоз дорад, дасти эъҷозаш манам.

Олами розе ниҳон дорад ҷаҳони ошиқӣ,
Бо дили шӯридаам як гӯшаи розаш манам.

Дар сухан бисёр дидам «чокарони» ишқро,
Чокари дилхаставу содиқ ва ҷонбозаш манам.

Рӯзи маргам мотами ман мотами ишқ аст, чун
Дар сарои зиндагӣ анҷому оғозаш манам.

*Феврали соли 1985*

## РЕЗ БОРОН

Рез борон, рез борони баҳор,
Рез борон, резаборон, рез-рез,
То бишӯӣ гарди рухсори замин
Ҳамчу ашки наварӯсон рез-рез.

Рез борон, то ҳама дашту даман
Навҷавонӣ ёбад аз эҳсони ту,
То бихандад лолаи кӯҳсори ман
Дар ҳавои чакраи чаққони ту.

Рез борон, рез борон, то шавад
Нозанинтар ин ҷаҳони нозанин,
То шавад ҳосил фаровон рез, рез
Бар замин ҳамчун арақҳои ҷабин.

Рез борон, қосиди фасли бахор,
Эй атои абри найсон рез, рез,
То бишӯям гарди ғамҳои куҳан
Бар сарам чун обшорон рез, рез.

Чун баҳорон фасли ишқу ошиқист,
Ошиқонро аҳду паймон рез, рез.
Созу сӯзи ишқи ҷовид доимо
Бар сари навхонадорон рез, рез.

*Марти соли 1984*

## НАВРӮЗӢ

Наврӯзи навзамона, наврӯзи бостонӣ,
Аз аҳди Ҷам бимонда, дорӣ вале ҷавонӣ.
Аз файзи абри найсон в-аз рез-рези борон
Наврӯзи атрафшон, гулбезу гулфишонӣ.

Дил аз фараҳ бихоҳад берун зи сина ояд,
Бар хонадони ёрон бе бухсу кина ояд.
Табрик то намояд ҳар хонаву дареро,
Боду ҳавои худро бинмуда зина ояд.

Дил дар тараннум ояд, ҳаққо, ки некфол аст,
Хуршед дар тарозӯ ин ҳадди эътидол аст,
Ҳар ки бидида базме, пурсад, ки худ чӣ ҳол аст,
Наврӯзи навзамона меҳмони Ҷиргатол аст.

*Марти соли 1987*

## ДАРБИГИРАД ХОНАИ ИШҚ

Ҳама олам пур аз афсонаи ишқ.
Ҳама дилҳо бувад кошонаи ишқ.

Саре набвад, ки савдояш надида,
Набичшида маи паймонаи ишқ.

Яке гар аз паи васли нигоре
Бувад побастаи завлонаи ишқ,

Дигар ошиқ, ки сармасти висол аст,
Намесозад даме шукронаи ишқ.

Бисӯзад дил ба ҳоли кӯрдилҳо,
Ки зери по кунад дурдонаи ишқ.

Хама он чӣ, ки дорам, ганҷи ишқ аст,
Агар девонаам, девонаи ишқ.

Чу фориғ дорадам аз буду нобуд
Гули рӯи маҳи якдонаи ишқ ,

Агарчи ҷоми ишқ афкандам аз по,
Бурун кай гардам аз хумхонаи ишқ.

Ва мурғи дил маро ҳар лаҳза орад
Ба кӯи ёру дому донаи ишқ.

Чунон сарсону саргардони ишқам,
Илоҳо, дарбигирад хонаи ишқ.

*Сентябри соли 1984*

## ҶАВОНӢ МЕРАВАД

Ҷавонӣ меравад, афсӯсу афсӯс,
Ки айёми хазонам даррасида.

Маро аз хирмани гулҳо чӣ ҳосил,
Гули сурхи дилороям начида.

Ҷавонӣ меравад бо ишқи ҷонсӯз,
Гаҳе нӯшу гаҳе нешаш чашида.

Ба ёри дилнишин аз пардаи дил
Қабо гаҳ дӯхта гоҳе дарида.

Замини лолазорон сурх аз он аст,
Ки хуни дил маро он ҷо чакида

Чаҳон бисёр дида ошиқонро,
Вале ишқе бад-ин талхӣ надида.

Чавонӣ магзарон беҳуда, ай ҷон,
Ҷавониро дубора кас надида.

*Майи соли 1997*

* * *

Сӯхтан дар оташи ишқе мададгори ман аст,
Созу сӯзи ошиқӣ сарбайти ашъори ман аст.

Дилбаре гар интизорӣ мекашад дар роҳи ман.
Як ҷавоби ҳақгузоре дидаи чори ман аст.

Чун ҳама кори ҷаҳон аз олами дил сар занад,
Зиндагӣ афсонаи қалби шарарбори ман аст.

То Гагарин фитрати ман кашфи кайҳон карда буд,
Ихтирооти навин аз ақли бедори ман аст.

Чун хароботи куҳанро меҳри дил маъмур дошт,
Тозакориҳо ҳама аз меҳри саршори ман аст.

## ДУБАЙТИҲО

Чу аз худ меравам, раҳме ба ҳолам,
Ки охир гирадат рӯзе ваболам.
Ҳамемирам ба дарду доғи ишқат,
Ки беишқӣ бувад марге маҳолам.

Фидои наргиси шаҳлову мастат,
Хумори лаъли нӯши майпарастат.
Набигзорӣ ба хок, ай ёри ҷонӣ,
Дили гарме, ки биспурдам ба дастат.

Аё эй ишқ, эй афсонаи ман,
Куҷо бурдӣ зи ман ҷононаи ман.
Ҷаҳонеро мунаввар кардаӣ, лек
Чаро куштӣ ту шамъи хонаи ман.

Ҳазар аз ишқи ту бошад маҳолам,
Ҳамегирад туро рӯзе ваболам.
В-агар хубони олам чун ту бошанд,
Муҳаббат хор мегардад ба олам.

– Марав аз пеши ман, ай ёри ҷонӣ,
Маро кай тоқати ҳазлу мазоқ аст,
Бихандиду бигуфто гоҳи рафтан
– Муҳаббат зодаи ҳаҷру фироқ аст.

Нишаста дилбарам шаб дар бари ман,
Ситорабор гардун бар сари ман.
Ситора мезанад чашмак ба сӯям,
Магар рашке барад бар дилбари ман.

Бубинӣ соҳиби мансаб чӣ бисёр,
Вале соҳибдиле дар байнашон ку?
Ҳама бо дарди худ овора бошанд,
Бубинад он ки дарди дигарон, ку?

Маро дар сар ҳавои навбаҳорест,
Хаёлам банди тарфи лолазорест,
Диле дорам, ки помоли ҳавасҳост,
Давояш як нигоҳи меҳрборест.

Дари дилро ба рӯи ту кушодам,
Бисоти дил ҳама пешат ниҳодам,
Ҳама оташ задӣ, эй бемурувват,
Ман он хокистарам, додӣ ба бодам.

Ҷаҳони дил чу бо ту гашта обод,
Хаёли дигаре дар сар надорам,
Вале чун тарк гуфтӣ олами дил,
Ба ҷоят санги сарде мегузорам.

## МАН ШУМОРО ДӮСТ ДОРАМ, ОДАМОН

Ман шуморо дӯст дорам, одамон,
Ҳамчу як фарзанди инсон,
Аз дилу ҷон.

Чунки дар рӯи замин
Бо шумоям ҳамнишин.
Чунки донам, бо шумоён зиндаам,
Бо шумоён гоҳ гирям аз алам,
Рӯзи шодӣ бо шумо дар хандаам.

Ман шуморо дӯст дорам, одамон.
Гарчи донам, нолаҳои дар гулӯ дармондаам,
Ашкҳои шӯри ноафшондаам,
Захмҳои дар ҷигар биншондаам
З-одамӣ омад ба ҷонам,
Сӯхт мағзи устухонам.

Нағз донам, гарчи ин зумра каманд,
Бори вазнине ба дӯши оламанд.
Бо ҳама зиштию шайтонтинатӣ
Эй, басо афсӯс, тухми одаманд.
Бо вуҷуди ин ҳама…

Ман шуморо дӯст дорам, одамон,
Дӯст дорам бегумон, аз мағзи ҷон.
Чунки донам ҳамчу як мирандае,
Рӯзи маргам зумрае гирён шавад,
Лоақал аз баҳри он ки баъди ман
Оқибат навбат ба онҳо мерасад.

Чунки донам мурдаи худ ҳеҷ кас
То лаҳад бар дӯши худ нобурдааст,
Чунки донам ҳеҷ кас бо дасти хеш
Хештан бар хок ҳам наспурдааст.

Одамон, эй одамон, эй одамон,
Гарчи дар кулвори ман баҳри шумо
Мисраҳое норавон, носуфта аст,
Оташе дар қаъри дил дорам ниҳон,
Шоҳбайти шеъри ман ногуфтааст.

Месароям ман бузургии шумо,
Он ки андар офариниш аз худо
Аз малоик бартар астед, одамон,
Бо вафову ишқу бо адлу сахо.

Одамият чист, медон, эй рафиқ,
Дар мақоми хеш содиқ будан аст,
Дар паноҳи заҳмати рӯзушабӣ
Бо ризои ҳамдигар осудан аст.

Ман шуморо дӯст дорам, одамон…

* * *

Надонам дил зи чӣ дар изтироб аст,
Танӯри синаамро чун кабоб аст.

Магар афтода дар доми нигоре,
Ки хуни дил варо ҷоми шароб аст.

Ва ё дар банду басти нокасе ӯ
Суроғи бахт дорад, к-он ба хоб аст.

Намепурсӣ зи ҳоли қалби решам,
Ки беморе бипурсидан савоб аст.

Суруди зиндагонӣ ҷовидонист,
Рубобе тан, чу дил тори рубоб аст.

Бирав аз бахти хоболуди ман пурс,
Ки ин сӯзу гудозамро ҷавоб аст.

*Соли 1980*

## ДАР ЁДИ ҶАВОНӢ

Куҷой, кӯдакии беқарорам,
Ҷаҳони бехудию беғуборам,
Куҷой ту аё умри ҷавонӣ,
Аҷоиб навбаҳори лолазорам,

Сафедӣ медамад дар тори мӯям,
Чу нақши зиндагӣ чинҳо ба рӯям,
Куҷо ҷӯям, азизонам, ҷавонӣ,
Фиғони қалби решам бар кӣ гӯям?!

Кунун бинам варо дар рӯҳи фарзанд,
Бақои умру ҳам ҷону ҷигарбанд,
Чу хандад, оламе гардад мунаввар,
Чу мегиряд, бигиряд олами ман.

Ҷавонӣ рафтаву бас бехабар рафт,
Чу гулбонги саҳаргаҳ аз назар рафт,
Вале ёдаш ба хайри хайр бодо,
Баҳоре будаву гулҳо ба сар рафт.

*Соли 1989*

## БА ПЕШВОЗИ ТАШРИФИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Бар канори қуллаҳои сарбаланд,
Бар диёри мардуми мушкилписанд
Эй атои покяздон, марҳабо!
Ворисе аз аҳди Сомон, марҳабо!

Файз хезад аз қудумат ҳар куҷо,
Файзбор, эй кош, монад доимо,
Хоки поят дидагонро тӯтиё,
Эй сафои нури имон, марҳабо!

## ШЕЪРИ МАН

Шеъри ман як гӯшаи ҷони пурармони ман аст,
Оташе аз оташи суғди ниёгони ман аст.

Шишаи дил эй басо бишкаста санги рӯзгор,
Захмҳои синаро дорую дармони ман аст.

Гапфурӯшонро бубин, одамфурӯшӣ мекунанд,
Шеъри ман дар зиндагӣ пайдову пинҳони ман аст.

Бе муҳаббат, бе садоқат зиндагӣ зулматсарост,
Шеъри ман созеву сӯзи меҳри ёрони ман аст.

Бо камиҳо шеъри моро кам магир, эй муддаӣ,
Ҳар чи бошад, порае аз ҷону имони ман аст.

*Ҷиргатол, соли 1988*

## ҚИТЪА

Бар дили дардошноям то баҳор овардаӣ,
Бехазону гулфишон бодо баҳорат, дилбарам.

Чун табассумҳои гармат зиндагӣ илқо кунад,
Ханда бодо дар лабони шаҳдборат, дилбарам.

З-он ки андар зиндагонӣ бахтёрам кардаӣ,
Дил хамехохад, ки бинад бахтиёрат, дилбарам.

Аз булӯри чашмҳоят зиндагӣ дорад сафо,
Ман фидои ҳар нигоҳи меҳрборат, дилбарам.

Дар сари роҳам нишинӣ доимо бо чашми чор,
Чашми дил бодо абад дар интизорат, дилбарам.

*Ҷиргатол, соли 1984*

## ДАРГОҲИ ПАДАР

Ҳар гаҳе ки гум намоям сарҳисоби зиндагӣ,
Заҳр гардад дар даҳан ҳар гаҳ шароби зиндагӣ,

Ҳар гаҳе аз ғусса дил дар синаам туғён кунад,
Номуродӣ ҳар гаҳе чашми дилам гирён кунад,

Доғи дилро ман ба даргоҳи ту меорам, падар,
То биосоям дамеву то шавам аз худ бадар.

Лаҳзае то пеши ту ман кӯдаки нодон шавам,
Сар ба зонуят гузорам, аз алам гирён шавам.

Офтоби бахт гоҳе гар бихандад бар сарам,
Гарму ширин, гарму ширин ҳамчу меҳри модарам,

Ҳар гаҳе афтодаеро аз замин боло кунам,
Кори хайре гар намоям, ҷони нав пайдо кунам,

Нафъ орам бар касе барги каҳе, тори хасе,
Гар маро гӯяд, ки «Бар парвардаат раҳмат касе»,

Шоду масруре ба даргоҳи ту меоям, падар,
То шавӣ аз ман ризову то шавам масруртар

Зиндагиро, эй падар, ман тифли нодонам ҳанӯз,
Олами садрӯягиро хоса ҳайронам ҳанӯз.

Чун сари шӯридаро ҳар гаҳ ба даргоҳат барам,
Сад ҳазорон шукр созам, соя ҳастӣ бар сарам.

*Ҷиргатол, соли 1987*

## ҚАРЗ

Ба гетӣ гар маро қарзест имрӯз,
Падарҷон, хизмату ҳам ҳурмати туст,
Ҳама он чи, ки дорам дар ниҳодам,
Зи ранҷу заҳмату аз ҳиммати туст.

Диёри кӯҳсорам дӯст дорам,
Ки онро ҳадя бар ман кардаӣ ту
Ва бошам сарбаланди кӯҳсорон,
Маро дар доманаш парвардаӣ ту.

Заминашро аз он дорам азизаш,
Арақҳои чабини ту чакида,
Ҳама сангу шаху ҳам бораашро
Паи пода кафи пои ту дида.

Парастам ман туро, эй киблаи ман,
Ба пешам раҳнамо истодаӣ ту,
Парастам ман туро аз он, ки то ҳол
Ҳалиму хоксору содаӣ ту.

*Лахш, соли 1979*

* * *

Боз як соли дигар аз роҳи умри мо гузашт,
Дар талоши зиндагӣ пайдову нопайдо гузашт.

Боз дар мӯи сарам тори сафеде зам шуда,
То сари шӯридаро чандин сару савдо гузашт.

Номуроде гар ба дил сад доғи ҳасрат бурд, бурд,
Ёд бодо ошиқе, ки бо дили шайдо гузашт.

Ҳар ки рафт аз ин ҷаҳон дасте тиҳӣ бо хеш бурд,
Фарқ ку, эй ҷони ман, нодор ё доро гузашт.

Чашмбиное агар як умр дилкӯре бимонд,
Ёд бодо кӯрчашме бо дили бино гузашт.

Аз даҳони саг намегардад палид оби равон,
Бок не, гар тӯҳмате аз нокаси расво гузашт.

Ҳар куҷоӣ, ёри ҷон, дар хандаву бишкуфта бош,
Кӯҳна ё нав нест ҳаргиз он чи байни мо гузашт.

Соли кӯҳна ҳам гузашту қалби мо ҳам бурд чун,
Он санам доманкашон аз домани дилҳо гузашт.

Соли нав фархунда бодо, ҳамзамонони азиз,
Ёд бод он лаҳзахо, ки ханда дар лабҳо гузашт.

## ОМАД КАНАЛ

*Эй сабо аз мо расон бар дӯстон омад канал,*
*Ҳам хабар кун наварӯси бӯстон омад канал.*
*М.Турсунзода*

Ҳар кучое об бошад, зиндагӣ илҷо шавад,
Зиндагии тозае бар ҷисму ҷон омад канал.

Аз қудумаш бемуҳобо гул кунад паҳнои Лахш,
Хандарезу сабзахезу гулфишон омад канал.

Чун ҳама озодагӣ аз обу ободӣ бувад,
Дилнишину дилкашеву дилситон омад канал.

Барзгарро хадяе беҳ нест ҷуз ҷӯи пуроб,
Ҳадяи Эмомалӣ Раҳмониён омад канал.

Хонаободӣ муборак бод, ёрони азиз,
Хандаи шукронаи ҳар хонадон омад канал.

*Лахш, соли 2006*

## БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗ

Ҷашни тавлидат муборак, Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Тифли навтавлиди таърих, тифл аз авлоди Сомон.
Ворисй Сомониёну Маҳзари Сомониён
Зинда бод Эмомалию зинда бодо Тоҷикистон.
Бе Самарқанду Бухороям кунун ҳарчанд беозор нест,
Вусъате чун аҳди Сомонам вале даркор нест.
Кош, монад Тоҷикистон
Бо ҳамон Вахшу Зарафшон,
Бо Кулобу бо Бадахшон,
Бо Каротеғину Хуҷанд,
Бо Ҳисори Шодмон,
Лек бошад дар амон
Аз шару шӯри замон.
То ки тоҷик бар сари тоҷик набардорад камон
Дар талоши салтанат.
То нарезад хуни тоҷик беамон
Аз қазо,
            Аз дасти қисмат,
                        Ё зи дасти шайтанат.
То намонад ҳеч тоҷик告 беватан,
То намонад мурдаи ӯ бекафан,
Ворисй Сомониёну маҳзари Сомониён,
Зинда бод Эмомалию зинда бодо Тоҷикистон.

*Лахш соли 1994*

## СИТОРА

Ситора, эй Ситора, ҷон Ситора,
Агарчи ҷой дар кайҳон Ситора,
Ба ту дорам басе армон Ситора,
Намоӣ мушкилам осон, Ситора.

Диле дорам аҷаб зору низор аст,
Ба сӯят доимо бо чашми чор аст,
Ҷаҳонаш чун ба ёдат лолазор аст,
Машав аз чашми дил пинҳон, Ситора.

Ба сӯям з-осмон чашмак занӣ ту,
Ба ҷонам сӯзи дигар афканӣ ту,
Ба ҳар кас баски бахти равшанӣ ту,
Машав бар нокасон рахшон, Ситора.

Ситора, зеби гардун дар самоӣ,
Дурахшон ахтариву моҳи моӣ,
Фуроӣ аз баландиҳот, эй кош.
Шудам бар рӯи ту пазмон, Ситора.

Ҳамон беҳтар, ки дар ишқи ту сӯзам,
Агарчи шоми торе гашта рӯзам,
Тамоми умр чоки сина дӯзам
Зи рашки оташи рахшон – Ситора.

*Ҷиргатол соли1986*

## БА РӮЗИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Бодат муборак, ай ҷон, ҷашни забони тоҷик,
Бошад забони тоҷик рӯҳу равони тоҷик.

Сарчашма з-ориёнӣ, мероси Суғду Балхӣ,
В-аз миллате нишонӣ андар ҷаҳони тоҷик.

Ҳам лафзи дилбарию ҳам лафзи шоирӣ ту,
Ганчҷури панду ҳикмат дар хонадони тоҷик.

Дар панду илму ирфон, дар маснади Анӯшон
Бо ин забон бувад сабт ному нишони тоҷик.

Покиза дошт бояд ҳарфу ҳиҷои онро,
Олуда то набошад ҳамчун замони тоҷик.

Обод гар забон аст, ободтар бимонад
Ҳам осмони тоҷик, ҳам остони тоҷик.

*Лахш, соли 2006*

## БА РӮЗИ САРҚОНУНИ ТОҶИКИСТОН

Сарчашмаи адолат, сарчашмаи расолат,
Ҳам чашмаи рафоҳат, ҳам чашмаи қаноат.

Сарчашмае, ки аз ӯ сад чашма мезанад рӯ,
Сад чашмае ба сад ҷӯ, хар ҷӯй аз асолат.

Сарчашмаи мусаффо, моро намуда бар мо,
Бар чашми аҳли дунё аз миллате башорат.

Ҳам чашмаи саломат, ҳам чашмаи рафоҳат,
В-аз ӯ равона миллат бар қуллаи саодат.

Монанди дурри маъҷун мифтоҳи ҷамъи қонун,
Бар миллате хати раҳ дар шаҳмату шаҳомат.

Дар назми рӯзгорон, бар рағми нобакорон,
Дар ҳифзи насли инсон чун қалъаи ҳимоят.

Бар суннати Анӯшон арвоҳи Оли Сомон,
Эй кошки нигаҳбон бошанд то қиёмат.

*Ҷиргатол, соли 2006*

## БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛИИ ТОҶИК

Ин чӣ рӯз аст, ин ки Фирдавсии Тӯс
Пеши чашму дар хаёл оғозу анҷоми ман аст.

Ин чӣ рӯз аст аз саҳаргаҳ ин ки Рахшу Рустаме
Гомзан дар арсаи пиндору илҳоми ман аст.

Гирудори Пилтан дар саҳнаҳои корзор,
Шиҳаи Рахш асту кӯполеву гурзу ҷавшан аст.

Аз дили садсолаҳо ояд нидои изтироб:
Марзу бумро суннати аввал дифо аз душман аст.

Миллате осуда асту зери чархи тундрав,
Посбонаш урдуи ҷонбози лашкарбишкан аст.

Зарби теғи ҷонситону меҳри сарбози Ватан
Такягоҳи халқи хеш асту адуро мадфан аст.

Эй муборак, дӯстон, ин ид имрӯзи Саид –
Ҷашни артиши ҷавони Точикистони ман аст.

*Ҷиргатол соли 2007*

## САНОЕ БА МОДАР

Набигзашт об бе ман аз гулӯят,
Наафрӯзид бе ман шамъи рӯят.
«Қади сарват илоҳӣ хам набинад»,
Фидои нури зебо модари ҷон!

Аҷоиб гамшарику ғамбарорӣ,
Лаби нонат бароям мегузорӣ,
Сафар созам, дуоят – тӯшаворӣ.
Ба роҳам доимо бо чашми чорӣ,
Фидои чашми рахпо, модари ҷон!

Сафедӣ медамад дар тори мӯям,
Чу нақши зиндагӣ чинҳо ба рӯям,
Ба пешат лек тифли нозбӯям,
Сухан набвад ҳаме ҳамвазни номат,
Фидои номи боло, модари ҷон.

Ҳамегирйӣ зи доғи моми арман,*
Ҳамесӯзӣ зи худсӯзии ҳар тан,
Диле захмин туро аз тири душман,
«Набинад мор, – гуфтӣ, – доғи фарзанд»,
Фидои қалби воло, модари ҷон.

Гиромитар надорӣ ҷуз ба фарзанд,
Дилу ҷонат ба ҷонаш гашта пайванд,
Бихандӣ лаҳзае, к-ӯ буда хурсанд,
Зи доғи ӯ басе савдоӣ гаштӣ,
Фидои дарду савдо, модари ҷон.

---

* Заминларзаи Ленинакан дар назар аст.

## ОЧА, КУЛЧА

Нон ҳамебандад чу модар,
Гирди модар мезанад пар,
Гӯиё ҷуфти кабӯтар,
Додару хоҳар баробар:

– Оча, кулча, оча, кӯлча.
– Ҷони оча, – гӯяд оча, –
– Садқаи армони бачча,
Мепазад, як лаҳза тоқат,
Нону кулча, ҷони оча.

Рӯи модар лоларанг аст,
Хамчу рӯи нони гармаш.
Гирди лаб дорад табассум,
Гарму ширин, софу беғаш.

Бӯи модар бӯи шир аст,
Бӯи меҳри беназир аст.
Бӯи нону бӯи ҷон аст,
Ӯ бақои хонадон аст.

*Лахш, соли 2000*

* * *

Ҳирс агар раҳбар шавад, серӣ набинӣ дар ҷаҳон,
Хок ҳам серӣ набахшад чашми дунёхоҳро,
З-он ки аз гетӣ набурда ҳеч кас ҷуз ҷону тан,
Ними ноне роҳати ҷон марди худогоҳро.

Эй ки умре аз паи молу манол афтодаӣ,
Ақлу ёду эътиқодатро ба савдо додаӣ,
З-одамият ҳам бияндеш, охири кор аст дур,
Ҳамчу ашке дар сари мижгони хеш истодаӣ.

## ЗИМИСТОН

Чун замистон омаду барфи сафедаш, ногаҳон,
Мӯсафеди суфпӯше гашт дунёи куҳан.
Мӯсафеди дилсафеду покрӯву некҷӯ,
Мӯсафеди тундхӯву ростгӯву ҳақсухан.

Мӯсафеде, ки ниҳон дорад ба дил аз зиндагӣ
Созҳову сӯзҳову доғҳои бешумор,
Мӯсафеде, ки ниҳон дорад чу марди некдил,
Мардию номардиҳову сирру асрори диёр.

Ҳамчунин яксон бошад зери барфи нуқрагун
Мазраҳои ризкбахшу шӯразорони замин.
Ҳамчунин яксон тобад ин замон андар назар
Боғҳову доғҳои ин замини нозанин.

Кош барфе инчунин ояд зи эъҷози замон,
То бипӯшад некию ноодамии одамон.
То барад заҳри забону макру найрангу дурӯғ,
То ҷахони пир бошад як замоне дилҷавон.

Кош барфе инчунин ояд зи эъҷози замон.

## ЧАКИДАҲО

Кай бидонад аҳмақе худ аҳмақии хештан,
Гар бидонад, аҳмақ аст, аҳмақ набудӣ дар ҷаҳон.
Чун туруш асло нагӯяд ҳеҷ соҳиб дӯғи хеш
З-ин сабаб туршӣ фузун ояд миёни одамон.

Нафси бадро нозу неъмат бас муҳайё гаштааст,
Дӯстию оқибат мавриди савдо гаштааст.
Хун ҳамегиряд басе ду чашми ибратбини ман
Маърифатҷӯӣ бубинӣ, тухми анқо гаштааст.

Гар набошӣ ҳамдили ман, бок не, эй ҳамзамон,
Гар сафедиро сафедӣ бесухан гӯӣ бас аст.
Дар талоши молу мулк илму адаб аз ёд рафт,
Заррае аз ганҷи ҳикмат панд агар ҷӯӣ, бас аст.

Бо ёру чӣ бе ёр будан талх аст,
Дар олами беқадрӣ ғунудан талх аст.
Дар халқаи ғофилони сармаст, эй дил,
Бинодилу ҳам баор будан талх аст.

Ишқи ту маро ба ҷон расонда чӣ кунам?
Хам оташи дил фурӯ нишонда чӣ кунам?
Гуфтӣ, ки Низом, аз чӣ бедардии туст,
Чун тоқати сӯзи ту намонда чӣ кунам?

Андар дили шаб ба олами дил нигарам,
Бинам, ки чу субҳи саҳарӣ даргузарам.
Озори касе нахоҳаму молу манол,
Аз ганҷи ҷаҳон ишқи ту бо худ бубарам.

Ақсои дилам абри сияҳ пӯшида ,
Ин мулки худо рӯзи ҳаво кам дида.
Аз сардии барфу селборон, эй вой,
Нашкуфта гуле, на шохае сабзида.

## ТУ ВА МАН

Сари савдоие дорам сарои рӯзгоронро,
Чашида ҷоми даврону бидида барфу боронро.

Ту андар ҳасрати мансаб ба дил сад доғҳо дорӣ,
Набинӣ касрати шому на файзи субҳгоҳонро.

Кулоҳи бар сарат нозе, зи қисмат лек норозӣ,
Барои як «сарафрозӣ» фурӯши ҷамъи ёронро.

Дамида ишқаму сар – пуч, виқорат чун сари кал луч,
Ки гӯӣ, кашф бинмудӣ барояш сирри кайҳонро.

«Ҳунарвар мешавад, – гӯӣ, – ба молу мулки савдоӣ»,
Зи ёдат бурдаӣ кайҳо ту имонрову виҷдонро.

Маро ин сатвату савдо ба дил асло намеғунҷад,
Ки ҷо бинмудаам дар он хаёли рӯи ҷононро.

Дар ин мазҳаб ту кай донӣ, фақат ишқ асту дилбозӣ,
Маозаллаҳ, наолоям ба дигар кор домонро.

Ту дил бандӣ ба савту сози ҷопонию аммо ман
Навои обшоронро, суруди резаборонро.

Ту дасти нокасон бӯсӣ, замини пок мебӯсам,
Ки ризқи пок мебахшад ба заҳмат хокпошонро.

Зи ҳар кас хавф медорӣ, ки қасди мансабат карда,
Ба гирди хеш мепечӣ, бимонӣ мори печонро.

На даъвои бузургию на қасди мансабе дорам,
Ягона матлабам ин аст, нафрӯшем виҷдонро.

Чӣ безорам зи дидори зимомидори бетартиб,
Басе бисёр дидам, эй рафиқ, аз ин бузургонро.

Набуд гар довари якрӯ, надорам бок аз даврон,
Ки якрангӣ бувад охир насиба тифли инсонро.

*Лахш, соли 1998*

## ШАМЪ МЕСӮЗАДУ МАН

Имшаб, ки дили фасона исён дорад,
Бо ҳоли забун хаёли ҷонон дорад,
В-аз оташи худ чу сина бирён дорад,
Шамъ месӯзаду ман.

Аз сина бурун ба кӯи ҷонон биравад,
Ҷон дар кафи дасту синакӯбон биравад,
Аз баҳри нисори ӯ ғазалхон биравад,
Шамъ месӯзаду ман.

Дар кӯи вафо чу интизораш бинам,
Таҳмондаи шамъи беқарораш бинам,
Афканда ба хоку хорузораш бинам,
Шамъ месӯзаду ман.

Саркаш дили ман, ки дар ҳавои хеш аст,
Дар кӯи мурод агарчи решу реш аст,
Бигзашта шабу субҳи сафо дар пеш аст,
Шамъ месӯзаду ман.

Бинам, ки ҷудо фитода ҷуфте кафтар,
Ин рохи дигар гирифту онаш дигар,
(Донам, ки ду соҳиле наояд бо ҳам)
Оҳ аз дили зор резаду хун зи ҷигар,
Шамъ месӯзаду ман.

## РЕЗАҲО

«Салому сад салом, ай нури дида,
Салому номаат бар мо расида».
Илоҳо бишканад дасти қаламкаш,
Ҷудоӣ дар миёни мо кашида.

Чу бар ёдам расӣ, ҷонам бисӯзад,
Тамоми ҳастиам дарҳам бисӯзад,
Касе, ки зомини бахти ману туст,
Набинад шодию дар ғам бисӯзад.

Номат ба варақ кашам, қалам месӯзад,
Ҳам дафтару ҳам қалам баҳам месӯзад,
Аз дидаи пурсӯз наменолам ман,
Дилсардии пуралам дилам месӯзад.

Кардам ба касе вафо, ҷафо дидам ман,
Ин заҳр ба ҷони хеш санҷидам ман,
Аз душмани ҷониам надорам озор,
Дуниву данӣ аз ошно дидам ман.

## ЗИНДАГӢ

Аз насими субҳгоҳон ғунчаи дил бишкуфад,
Аз навои обшорон рақс бинмояд диле.
Сабза хезад аз замин бо чак-чаки борон яқин,
Гармии хуршеди ховар гарм созад маҳфиле.

Офтоб аммо гаҳе бирён намояд дащтро,
Сел, агар аз ҳад фузун шуд, деҳаро вайрон кунад.
Эй басо бисёр дида ин сари сахти замин,
Кош онро қудрате, то нолаву афғон кунад.

Инчунин астӣ табиат, ҳамчунин астӣ ҳаёт,
Зиндагиву зиндагиву зиндагиву зиндагӣ.

Сӯҳбати равшанзамирон занги дилро мебарад,
Сӯҳбати дарёдилон дарёдилӣ илқо кунад.
Носазое бишканад сад шишаи дилро якин,
Тирадил ҳар ҷо нишинад, маҳфиле расво кунад.

Гар яке шод аст аз он, ки кори хайре кардааст,
Нобакор аз нобакорӣ лоф хуштар мезанад.
Мекашад як умр заҳмат баҳри дилёбӣ яке,
Каждуми болидае гар неш беҳтар мезанад.

Аз табаҳкории гардун бар сияҳкорон чӣ бок,
Тирашабҳо аз саҳаргаҳ назди эшон беҳтар.
Баддилонро неку бад кай ташвиш орад, эй рафиқ,
Ҷаври гардунро кашон равшанзамирон бештар.

Одамизода чунину ҳамчунин омад ҳаёт,
Зиндагиву зиндагиву зиндагиву зиндагӣ.

## НАВБАҲОРИ УМР РАФТУ…

Навбаҳори умр рафту ишқи новарзидаам,
Он дили дардошнову он гули ночидаам.
Гар бирӯяд тухми уммед, эй баҳори орзу,
Синаамро боз орӣ он дили шӯридаам.

Навбаҳори умр рафту дарду доғе дар ҷигар,
Ҳеч савдое напухту оҳи дил ҳам беасар.
Оламеро ҷома дигар кардаӣ, эй навбаҳор,
Зиндагӣ аз нав намоям кош як бори дигар.

Навбаҳори умр рафту созу сӯзи синаам,
Лолазореву висоли дилбари сабзинаам.
Бо дили бекинаам ман зери кинҳо будаам,
Боз орӣ, эй баҳорон, он дили бекинаам.

Навбаҳори умр рафту ман гули нашкуфтаам,
Дар садаф дуррам, валекин то кунун носуфтаам.
Ҳамзамононро ба ҷуз пул хуш наояд ҳеҷ чиз,
Варна ҳарфе обдорам то кунун ногуфтаам.

Навбаҳорон рафту инак тирамаҳ ҳам меравад,
Сабзазорон рафту инак зардкаҳ ҳам меравад.
Рӯзи Наврӯз аст эй дил, лаҳзае дар ханда бош,
Куҳнарӯзу низ Наврӯз , идгаҳ ҳам меравад.

*Лахш, соли 2007*

## ЛАХШИ МАН

Ай дилоро Лахши ман, дар дидаву дилҳои̣ ту,
Ҷой дорам дар дилат, андар дилам маъвои̣ ту.

Бо ситора ҳамнишин, ангуштари кӯҳро нигин,
Чашмаҳоят нуқрагину зеби ин дунёи̣ ту.

Кокулони ду бари рӯ – Сурхобу Муксу,
Метаровад ҷӯй бар ҷӯ аз қади болои ту.

Қуллаҳои сарсафедат мояи ишқу умед,
Мазраҳо шодоб бошад аз дили дарёи ту.

Зодагонат сарбаланд, ай модари мушкилписанд,
Бо сари болои онҳо аз ҳама болои̣ ту.

*Лахш, соли 2000*

## ДАР ЗОДРӮЗИ ДӮСТАМ

Ало Яъқуб, панҷоҳат муборак,
Шавад даҳсолаҳо з-он пас қаторак.

Сари сабзи ту зардиро набинад,
Дили гарми ту дилсардӣ набинад.
Ҷавонмардӣ миёни ҷамъи ёрон,
Раҳи умри ту номардӣ набинад.

Чу Саъдӣ умр бинӣ, кам набинӣ,
Зи гулзори вафо гулҳо бичинӣ.
Низоме ёд орӣ гоҳ-гоҳе,
Чу бар иде ба ёронат нишинӣ.

## БА ЧОВАНДОЗИ НОМӢ
## АЛДОҚУЛ ТОИРОВ

Бар косаи зин шинӣ,
Монанди укоб астӣ,

Дар так-таку дар тӯда
Сад марда ҷавоб астӣ.

Чун бод равад аспат,
Худ мисли саҳоб астӣ.

Панҷоҳу шашӣ дар сол,
Андар табу тоб астӣ.

Пират кӣ тавонад гуфт,
Дар айни шабоб астӣ.

*Лахш, соли 1995*

## ИШҚ

Эй басо ту дар раҳи аҳду вафо
Одамонро дасти ханҷар кардаӣ,

Толибони симу зарро ҳам басе
Бемуҳобо тоҷ бар сар кардаӣ.

Ошиқонро дар раҳи васли нигор
Соҳиби парвозу шаҳпар кардаӣ.

Эй басо ту синаҳои сардро
Соҳиби қалби чу ахгар кардаӣ.

Зинда бошӣ ту ба бахти дигарон,
Гарчи моро хок бар сар кардаӣ.

*Ҷиргатол, соли 1987*

## ДАР СОЛИ НАВИ МАСЕҲӢ

Соли нав омад, азизон ҷомаҳо дигар кунед,
Базми ҷамшедӣ кушода, соқие сарвар кунед.

Чарх агар дар гардиши худ фориғ аз мо будааст,
Гирдгардон гирди арча чархро музтар кунед.

Умр агар вопасмабин чун оби дарё меравад,
Лаҳзае то боз истад, сӯҳбати соғар кунед.

Лаззате ҷуз сӯҳбати ёри ҷавонӣ нест, нест,
Бо такопӯи ҷавонӣ сӯҳбати дилбар кунед.

Нест бодо ҷанги одам, ҷанги олам, дӯстон,
Ҷанг андозед ҷому бодаро довар кунед.

*Ҷиргатол, соли 1984*

## ГАНҶИ ҲИММАТ

*Соли 2009 – соли бузургдошти Имоми Аъзам*

Пайкаре аз ҷону тан,
Пайкаре аз рӯҳи аҷдодони ман.
Пайкаре аз илму фарҳанг,
Аз адолат аз асолат.
Аз ҳақиқат дар шариат,
Пайкаре чун нур хест…

Пайкаре чун нур хест,
То фурӯзад гӯшаҳои торро.
То сафои рӯҳ гардад шеваи рӯзи навин,
То ҳаром афтад таги пову ҳалол ояд баланд.
То адолат ҳар куҷо ёбад мақом,
Як шариат то ба ҷо бошад барои хосу ом.

Чун худованд аст якто,
Чун бигӯӣ гуна-гуна.
Бе баҳона,
Дар ҳама давру замона.
Хосу оме нест дар назди Худованд,
Хосу оме гуфта авбошони пурфанд.
Чунки инсонро баробар офарид,
Аҳли имонро бародар офарид.

Пайкаре чун нур хест.
Дар раҳи ҳақ бими шамшераш набуд,
Ҳақпарасте то бувад авлоди ӯ.
Дар адолат ҳеҷ таъхираш набуд,
Ростин бошад ҳама эҷоди ӯ.
Дар суҷуде ҷон ба ҳақ таслим намуд,
(Золимаш заҳри ҳалоҳил дода буд)
Ӯ бирафту ганҷи ҳикмат монд, монд,
Мазҳабе бар аҳли суннат монд, монд.

* * *

Чун аз нигоҳи гармаш дилгарми рӯзгорам,
Чашми умед сӯе чуз кӯи ӯ надорам.

Ҷонам ба лаб расида дар ҳасрати висолаш,
Ҷуз бар лабони лаълаш ман ҷон намесупорам.

Эй кош, то ҳама рӯз бошад баҳору Наврӯз,
Ояд бурун зи хона хилватнишин нигорам.

Як даста гул чӣ бошад аз баҳри гулъузоре,
Печида дил ба гулҳо дар дасти ӯ гузорам.

Узре бинеҳ, азизам, дар зери чархи гардун.
Қиматтар аз дилу ҷон чизе дигар надорам.

Ай ҷон, агар бидонӣ, андар ҷаҳонӣ фонӣ,
Ишқ аст ҷовидонӣ, ман саҷдааш биорам.

* * *

Надонам дил зи чӣ дар изтироб аст,
Танӯри синаамро чун кабоб аст.

Магар афтода дар доми нигоре,
Ки хуни дил варо ҷоми шароб аст.

Ва ё дар банду басти нокасе ӯ,
Суроғи бахт дорад, к-он ба хоб аст.

Намепурсӣ зи ҳоли қалби решам,
Ки беморе бипурсидан савоб аст.

Суруди зиндагонӣ ҷовидон аст,
Рубобе тан, чу дил тори рубоб аст.

Бирав аз бахти хоболуди ман пурс,
Ки ин сӯзу гудозамро ҷавоб аст?

*Соли 1980*

* * *

Аз пастҳо чизе маҷӯ, бар осмон наззора кун,
Ганҷе ба бар чун нестат, наззора бар истора кун.

Софӣ сафои рӯҳ бувад, аз тирагӣ андӯҳ бувад,
Андӯҳ агар чун кӯҳ бувад, чун субҳ қалбаш пора кун,

Озода шоҳинат манам, моҳии зарринат манам,
Бесабру тамкинат манам, рӯ бар мани овора кун,

Чархи барин бечорае, одам дар он оворае,
Ҳар дардро гар чорае, ай чорасозам, чора кун.

Ғамхору ғамдорат манам, умрест беморат манам,
Ай гул, агар хорат манам, таркам бикун, якбора кун.

Ман ошиқи озодаам, монанди шеъри содаам,
Дилро ба каф бинҳодаам, зораш бикун, ё зора кун.

*Соли 2009*

* * *

Макун ёди ҷавонию маҷӯ асрори дунёро,
«Ки гар оташ зи по афтад, ба хокистар диҳад ҷоро».

Ҳамон сӯзе, ки моро буд нишон аз оташи ишқат,
Туро офияте буду бисӯзад турбати моро.

Аз он ишқи ниҳонсӯзам наёбӣ ахтаре акнун,
Агар бар бод хоҳӣ дод, ҷон, хокистари моро.

Матои умри худро мо чи арзон додаем аз даст,
Набудӣ ошиқи комил, агар донӣ ту савдоро.

Ва накди ҷон фидои лаҳзаи дидор мекардем,
Кадом ошиқ кунад андешаи имрӯзу фардоро.

Ҷаҳони ошиқӣ ин асту қонуни вафодорӣ,
Ки вопас кас набитвонад барад маҷрои дарёро.

*Соли 2009*

* * *

Боз хоҳам, эй рафиқ, ишқи ҷигарсӯзе дигар,
Созу сӯзамро бубахшад то даме сӯзе дигар.

Хонаи дил сард гашт аз рӯзгори бефурӯғ,
Оташе мебояду ҳам оташафрӯзе дигар.

Мефиребам хештанро з-ин тасалло, к-оқибат
Пеш ояд аз паи шабҳо ҳаме рӯзе дигар.

Пеш аз маргам макуш, эй нотавонбин, ёд дор,
Мурдаи моро ҳамебояд кафандӯзе дигар.

* * *

*Дар таъсиси рӯзномаи озоди «Овози Лахш»*

Сад шукр аз тавлиди ту, ай тифлаки озоди Лахш,
Эй чун насими субҳдам, озодаи озоди Лахш.

Пайғоми дилҳо мебарӣ аз ростӣ в-аз дӯстӣ,
Аз хонаҳо бар хонаҳо аз хонаи ободи Лахш.

Бошад адолат раҳбарат, ҳарфи ҳақиқат лашкарат,
Тасхири дилҳо мекунӣ, дилзодаи дилшоди Лахш.

Пайванддори дил бишав, баркан ниҳоли душманӣ,
К-аз дӯстӣ поянда буд, поянда ҳам бунёди Лахш.

Илму адаб гардид хор, хоҳам, ки фарёде занам,
То бишнаванд аз дурҳо фарёди ман, фарёди Лахш.

Аз панду аз ҳикмат бувад софии қалби одамӣ,
Равшангари дилҳо бишав, эй минбари озоди Лахш.

*Соли 1991*

## БА МАШШОҚ ВА ОВОЗХОНИ ШИНОХТА МУҲАББАТИ АБДУРАҲИМ

Хушҳулқу сархамӣ ту чун шохаи ҳамида,
Хушгӯву хушгуворе мисли ту кас надида.
Аз нағмаи дуторат дил дар тараннум ояд,
Тамбӯр зан, садое бар гӯши ҷон расида.

Мизроб тор молад, тори дилам биларзад,
Оҳанги рақс гирӣ, дар сина дил бирақсад.
Бар чашм ноаёнӣ аз хоксориҳоят,
Бар санъати расоят ними ҷаҳон наарзад.

Шӯридагии дилҳо шӯру навои санъат,
Озод мепарад дил андар ҳавои санъат.
Санъат баҳо надорад ҷоно малол бигзор,
Ҳарчанд кас надонад қадру баҳои санъат.

Ман мубталои шеъру ту мубталои санъат,
Афтодаем ҳар ду андар балои санъат.
Мардум, агар бинозад аз молу мансаби худ,
Мо умри худ намуда ҳар ду фидои санъат.

Бо мӯи сап-сафеду бо қалби навҷавонӣ,
Андар мадори санъат истодаӣ Муҳаббат,
Дар Лахши бостонӣ, дар осмони санъат,
Рахшанда бод доим истораи Муҳаббат.

* * *

Наврӯзи Аҷам зинда шуд, эҳёш муборак,
Дар дидаву дил ҷо шуда маъвош, муборак!

Ҳар сӯ нигарӣ замзамаву хандаву бозӣ,
Ин ҳамҳамаву хандаву ғавғош муборак!

Ошиқ шуда аз нав дили савдозадаи мо,
Ин шавқу суруру ҳама савдош муборак!

Осӯдагии ин дили ҳарҷоӣ чӣ гӯям?
Имрӯз раво бошаду ҳар ҷош муборак!

*Насрпораҳо*

## АЗ ҲАМДИГАР НАРАНҶЕД

Зиндагӣ муборизаи баҳамзидҳост. Камбағал бойро, тавоно, нотавонро, нодон донoро, бесавод донишмандро, бемансаб мансабдорро доимо бад медид, бахилӣ мекард ва мекунад.

Мансабдори порахӯр, дузд, беинсоф мансабдори росткору худотарс ва боинсофро аҳмақу нодон мешуморад. Ҳол он ки худаш аҳмақ аст, рӯзи ҷазои худовандӣ, ақаллан, ҷазои қонунии дунявиро фаромӯш мекунад, нафсаш боло мегирад.

Оне ки бо дуздию шайтанат соҳиби молу чизи зиёде гардидааст, ҳамсояи миёнаҳоли ростқавлу росткор ва парҳезгорашро таъна мезанад – эй ношуд, ақаллан дар таги поят як мошин надорӣ. Ту чӣ одамӣ…

Танбалу танпарваре, ки нисфирӯзӣ аз хоб мехезад, ҳамсояи меҳнаткашу серғайраташро, ки туфайли меҳнати ҳалол рӯзгорашро нисбати ӯ хеле беҳтар ба роҳ мондааст, чашми дидан надорад.

– Ин қадар ҷон кандан чӣ даркор. Ӯ ҳам як бурда нон мехӯрад, мо ҳам, – худро сафед мекунад ва тасалло мебахшад ӯ.

Оре, зиндагӣ ҳамин аст. Аммо шумо аз якдигар наранҷед. Чаро?

Чунки дузд гумон мекунад, ки ҳама мисли вай дузданд.

Чунки аҳмақ агар донад, ки аҳмақ аст, пас аҳмақ намешавад.

Чунки ҳар кас зиндагиро, маънову моҳияти онро ба таври худ мефаҳмад ва баҳо медиҳад. Чизеро, ки шумо савоб меҳисобед, ӯ аҳмақӣ медонад. Майлаш, хафа нашавед. Ақлаш, донишу фаҳмиш, фаросату тамизаш, тарбияи дар оила гирифтагиаш ҳамин қадар бошад, бечора чӣ кор кунад? Аз ӯ хафа нашавед. Ӯро Худо ҳамин хел халқ кардааст.

## ЭЙ ОДАМ!

Эй одам, туро аз хок сириштаанд ва лоҷарам бар хок меравӣ! Пас ин ҳама бузургманишию изатталабӣ, такаббур ва зиёдахоҳӣ аз чист? Гумон мекунӣ, ки аз дигарон бартарӣ ё миранда нестӣ? Фаромӯш накун, Искандар, ки ними ҷаҳонро гирифта буд, ҳангоми марг васият мекунад, ки аввал, ҷасадашро пеши модараш бубаранд ва сонӣ то гӯр ҳар ду дасташро аз тобут берун баровардa баранд. То мардум бубинанд ва бифаҳманд, ки: Ҷаҳонро гирифтем ба зӯру набурдем чизе ба гӯр.

Бидон, ҳама монанди ту одаманд. Худованд дар офариниши худ инсонро аз ҳама, ҳатто аз малоик ҳам болотар гузоштааст. Иблисро барои он лаънат кард, аз биҳишт биронд, ки ӯ саҷда ба одам наовард. Пас ту чӣ ҳақ дорӣ, ки инсонро ҳурмат накунӣ, қатъи назар аз он ки вай кист – мансабдор, бемансаб, бой, камбағал, пеш аз ҳама вай одам аст.

# ИШҚ

Боиси дилгармии инсонҳо, ҳам мӯҷиби хушбахтӣ ва ҳам бадбахтии онҳо ту ҳастӣ. Ҳамаи шоирону ошиқони тавонову нотавон пас аз Худову расул бо номи ту сухан оғоз карданд. Он қадар гуфтаву навиштаанд, ки дар ҳеҷ китобе нағунҷад. Вале касе имрӯз сухани сазоворе нисбати ту нагуфтааст, эй ишқ. Ту ҳоло ҳам розу асрори ниҳонӣ. Ту ҳастӣ, ки инсонҳо дар ин кӯҳнаработ, ки дунёст номаш, дар талоши зиндагӣ аз гузашти умр бехабар мемонанд. Бе ту зиндагӣ маъное надорад.

Инсон аз малоик бо мавҷудияти ҳамин меҳру муҳаббат ва раҳм бартарӣ дорад. Чунки малоик аз ин неъмати парвардигор бебаҳраанд. Оре, муқадастарин неъмати барои одам офаридаи парвардигор ту ҳастӣ, ба шарте ки поку самимӣ ва беолоиш бошӣ.

*Дар забони миллати ман ишқ ин покизагист,*
*Ҳар ки ин маънӣ надонад, одами покиза нест.*

***(Мирзо Турсунзода)***

## БАХТ

Яке туро дар зиндагии серу пур мебинад, дигар дар мансаби боло, ки ҳам инро медиҳаду ҳам онро. Саввумӣ орзуманди санам ё шавҳари қашангу зебост. Чорумӣ бадбахтии худро маҳз дар ҳамин санам ё шаҳвари зебо мебинад, ки ӯро қатъи назар кардааст.

Эй бахт! Ту чистӣ? Дар куҷоӣ! Ва умуман ту ҳасти ё не?

Якеро ҷипсавор мебинам. Мегӯям, хушбахт аст, арзиши мошинаш 60000 доллар! Бо ӯ ҳамсӯҳбат мешавам. Бадбахт аст, занаш ӯро тарк карда, бо зангие ба Амрико рафтааст.

Ҷипсавори дигаре шикоят мекунад, ки шукр, ягон камбудие надорам. Мансаб ҳаст, зан ҳаст, фарзанд – 7 духтар, аммо писар надорам.

Саввум хонаи сеошёна, зани зебову дилкаш, мошини тамғаи хориҷӣ дорад, аммо меросхӯр – не, не духтару на писар. Дигар аз зиндагӣ розист, шикояте надорад. Ҳама чиз ҳаст, аммо худованд зеҳнро аз ӯ дареғ доштааст – на як шеъре аз ёд медонад, на ҳикмате аз бузургонро.

Яке агар аз сабаби бисёрии молу амволу коргоҳу корхона барои намозхонӣ вақт наёбад, дигаре шикоят мекунад, ки барои қути лоямуташ кор наёфтааст. Саввумӣ аз ҳамаи неъматҳои зиндагӣ бархӯрдор аст, аммо як умр дарди меъда азобаш медиҳад.

Аммо ҳамсояи ман – Салим ду дар хонаи похсангин бо даҳлезаш дорад, ки бомаш андовапӯш аст. Ба зану ду фарзандаш – писару духтар зиндагии орому осудае доранд.

– Ман хушбахтам, – мегӯяд ӯ, – сохтмончиам, қариб 400 сомонӣ маош мегирам. Хонаамро занам саришта мекунад. Дигар чӣ даркор?

Эй бахт! Ту чистӣ? Дар куҷоӣ? Оё Салим дуруст мегӯяд?

«Ҳар ки шуд қонеъ ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст».

# ҚОНУН

Намедонам таърифи қонун дар адабиёти расмӣ чист. Аммо бо фаҳмиши ман, он маҷмӯи меъёрҳоест, ки инсон дар зиндагии худ бояд аз доираи он берун набарояд. Ва ин дуруст аст, чунки инсонҳои худбину худпарасте ҳастанд, ки барои манфиати шахсиашон аз доираи ҳама гуна адлу инсоф берун мебароянд…

Хуллас, ҷомеа бе қонунҳои муайян зиста наметавонад. Маҷмӯи талабот ва қонунҳое зарур аст, ки рӯзгори фардӣ ва ҷамъиятии моро ба низом оварад. Қонун, ба фикрам, маҳз ҳамин аст. Аммо мо, одамон, шири хом хӯрдаем. Хоҳ гунаҳгор бошад, хоҳ не, ҷонибдори маҳкумшудаем. «Хай, афсӯс бечорарo фалон қадар сол буридаанд», «вай бечора фалон қадар фарзанд дорад, ҳолашон чӣ мешуда бошад», «Хайрият, ки фалониро кӯчасуд кардаанд», «Хайрият, фалониро аз зали суд ҷавоб доданд» ва ғайраву ва ҳоказоҳо.

Ин, албатта, аз раҳмдилии мост, аз табиати инсонии мост, ки ҷавҳараш инсондӯстӣ ва некандешӣ мебошад, аз таъсири шариати Ислом аст, ки мӯъминро бародари мӯъмин эълон кардааст. Вале фаромӯш мекунем, ки ҳар чиз ҳад дорад ва он ҳад ҳамин қонун аст, меъёрҳои дар тӯли асрҳо муқаррарнамудаи ҷомеа аст, нуқтаҳои одилонаву инсондӯстонаи шариат аст.

Фаромӯш мекунем, ки як нафар баднафси худкомаи порахӯр, ё як нафар одамкуш ё як нафар иғвогару тӯҳматчӣ ба ҷомеа чӣ қадар зарарҳои моддиву маънавӣ расонда метавонад. Фаромӯш мекунем, ки Шайх Саъдӣ фармудааст.

*Тараҳҳум бар паланги тездандон,*
*Ситамгорӣ бувад бар гӯсфандон.*

Лекин боз як «аммо»-и дигар он аст, ки баъзан аз хати кашидаи қонун ё низомномаҳо берун набаромадани қонуншиносон ё хатои онҳо ҳам боиси бадбахтию дилшикастагии як ё якчанд нафар шуда метавонад. Чунки расман гунаҳгор ва аслан бегуноҳ будан ҳам мумкин аст.

Чунки қонунҳои нонавиштаи рӯзгори инсонӣ ҳанӯз бисёранд.

Чунки рӯзгори инсонро ба як қолаби муайян даровардан мумкин нест, чунонки фикру андеша ва умеду армони ӯро.

Чунки ҳар як фард худаш як дунёст. як дунёи фикру андеша, умеду ормон, як дунёи хашму ғазаб ва кинаву адоват.

Чунки бо як ҳукми қонунан дуруст ва аслан ноҷо мо ҳамин гуна як дунёро барҳам зада метавонем. Ҳарчанд, ки худ дар зиндагӣ ҳамчун мансабдор не, ҳамчун инсон шояд арзише надошта бошем. Шояд ҳамон санге бошем, ки косаи заррин шиканад…

Чӣ бояд кард? Мо инсонҳо шири хомхӯрдаем. Дар бисёр мавридҳо на танҳо қонунҳои дунявӣ, ҳатто қонунҳои илоҳиро ҳам донистаю надониста поймол месозем, арақнӯшию ишратпарастӣ, мардумозорию ҳаққимардумхӯрӣ мекунем, лекин даъвои мусулмонӣ дорем ва намоз ҳам мехонем.

Эй одам!!! Қонун яктост! Виҷдони ҳар як инсон ва инсофи ӯст! Қонун ҷуз ин нест!

Чунки дар дунё қонунҳои мукаммал ҳанӯз ба вуҷуд наомадаанд.

Чунки ин қонунҳоро мо, одамони нокомил, таҳияву эҷод намудаем.

Эй он ки дар бораи инсонҳо, тақдири минбаъдаи онҳо ҳукм мебарорӣ! Аввал хуб фикр кун, нағз биан-

деш, худро ба ҷои маҳкумшуда бигузор, баъд ҳукм барор.

Чунки имрӯз худованд ва тақдир туро ба ҳамин дараҷаи доварӣ расондааст.

Чунки баъди ҳукм дер мешавад.

Зеро сухану рози аз даҳан берунрафтаро пинҳон доштан мумкин нест. Чунки оби рафта ба ҷӯй боз пас намегардад.

Зеро шишаи бишкаста пайванд намешавад.

Зеро:

*Ҳар киро инсоф ояд дар вуҷуд.*
*Беҳ, ки умре дар рукӯъу дар суҷуд.*

Зеро Шайх Аттор мегӯяд. «Қуввати некӣ надорӣ, бад макун».

## ҲАМСОЯ

Ҳар гоҳ аз хона мебарой, аввал бо ҳамсоя рӯ ба рӯ мешавӣ. Ҳар гоҳ таъҷилан чизе зарур шавад, аввал аз ҳамсоя мепурсӣ. Ҳар гоҳ дар хона мусибат ё бадбахтие рӯй диҳад, аввал ҳамсоя ба имдодат мерасад. Рӯзи тӯй ва хурсандӣ аввал бо ҳамсояат маслиҳат мекунӣ. Ҳамсояи хубу бофаросат бахт ва давлати калон аст.

Барои ҳамин аз хеши дур ҳамсояи хуб беҳтар аст мегӯянд.

Барои ҳамин тибқи шариати Ислом ҳамсоя ба ҳамсоя ҳақдор аст. Барои ҳамин «Хона нахар, ҳамсоя бихар» – гуфтаанд.

Барои ҳамин пайғамбари Ислом фармудаанд: «Ҳар ки ҳамсоя аз шарри ӯ эмин набошад, рӯи ҷаннат набинад».

Барои ҳамин, ҳамсояҳо, ҳаққи ҳамдигарро бишносед. Бо ҳар баҳона дили якдигарро сиёҳ накунед. Барои дилсиёҳӣ баҳона бисёр аст – Мурғат полезамро ҷазир кард, бузат дарахтамро хоид, набераат набераамро зад, сагат бисёр меҷакад...

Аз паи ин гуна баҳонаҳо нагардед. Ба якдигар бахилӣ накунед, гӯри бахил танг аст, гуфтаанд. Дилро кушод гиред, ҳаракат кунед, ки ба ягон кас, хусусан ба ҳамсояҳоятон зараре нарасад. Нармгуфтор ва беозор бошед, чунки умри кӯтоҳи одам кирои дилсиёҳӣ надорад.

Чунки «Аз дилозор – худо безор» – мегӯянд.

Чунки оқиле гуфтааст:

*Илоҳо хонаи душман насӯзад,*
*Ки ман ҳам дар бари ӯ хона дорам.*

Чунки

*Говону харони борбардор,*
*Беҳ з-одамиёни мардумозор.*

## ВАТАН ҲАСТӢ, БАС АСТ
## (Руҷӯи лирикӣ)

Инак, қалам ба даст гирифтаам. Сухан меҷӯям. Сухани тару тоза, сухане, ки сазовори ҷашнвора бошад. Ҷашни 10-солагии Истиқлолияти Тоҷикистони азиз ва 70-солагии таъсисёбии ноҳияи Ҷиргатол.

Тоҷикистон! Садқаи номи азизат! Дил ҳамехоҳад дар васфи ту шеъре, сухани тозаву баланде, сухани мисли кӯҳҳоят устувору побарҷое бигӯям. Сухане бигӯям, ки то ҳоло касе нагуфта бошад, вале ҳайҳот, чаҳорчӯбаи назм тангӣ ва қалам оҷизӣ мекунад. Зеро одам дар васфи чизи азизтаринаш ҳеҷ гоҳ сухани мувофиқе намеёбад, зеро муҳаббати бузургро бо ҳарфу ҳиҷо ифода кардан мумкин нест, чунки туро ба чизе ташбеҳ набояд кард. Чунки ту чун модар, чун сайёраи замин, чун осмон яктоиву беҳамтоӣ! Чунки:

*Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро,*
*Хоҳам аз ҷон беҳтаре бошад, ки он гӯям туро.*

Тоҷикистон, қиблаи Зардушт, гаҳвораи мардони нотакрор! Туро кӯчак мегӯянд. На! Ту хурд нестӣ, Тоҷикистон! Зардушту Рӯдакӣ, Беруниву Носири Хусраву Ҷалолиддини Балхӣ, Хайёму Саъдиву Ҳофиз, Камолу Аҳмади Донишу Айнӣ, Турсунзодаву Бозору Лоиқ – ҳар яки ин родмардон худ як дунёе, як ҷаҳоне, як Тоҷикистоне мебошанд, ки аз хоки шоирхезу олимпарвари ту руста, бо қалам дили аҳли оламро тасхир кардаанд. Марзи туро дар сухан он қадар вусъат доданд, ки назир надорад. Искандару Чингиз назди бузургони ту оҷизанду ночизанд, зеро онҳо бо зӯру хунрезӣ марзу бумҳоро забт мекарданд, на дилҳои одамонро:

*Ба даст овардани дунё ҳунар нест,*
*Якеро гар тавонӣ, дил ба даст ор.*

Тоҷикистони куҳан! Бар таърихи талху саргаштагиҳои ту, ба беқадрии бузургонат ҳар қадар бигриста бошам, ҳар қадар ки таҳ ба таҳ ман сӯхта бошам, аммо навмед набудам. Аз вайронаҳои ту бӯи ободӣ ва аз завлонаҳоят умеди озодӣ меомад ва меояд. Ҳаводиси таърих қомататро хам карда бошад ҳам, вале шикаста натавонист. Имрӯз мисли қуллаҳои осмонбӯсат ту сарбаландӣ, Тоҷикистон! Селу тармаҳои паёпай синаатро чоку захмин карда, ба поён мехазанд, аммо ту мисли кӯҳҳоят пойбарҷову устуворӣ,захмҳоятро даво мекунӣ. Ҷаҳон то ҳол халқеро мисли тоҷик ботаҳаммулу пурбардошт надидааст. Офарин, халқи азияткашидаву меҳнатқарини ман! Халқи бузургворам!

Тоҷикистон, ҷашни истиқлолатро табрик мегӯям ва дар худ низ як навъ истиқлоле, озодие ҳис мекунам. Озодии сухан, озодии гуфтор, озодии рафтор, аммо он танҳо бо ту ва танҳо дар туст. Ман онро бе ту ва берун аз ту тасаввур карда наметавонам. Ту буду набуди ман, дунёи ман, имрӯзи ман, фардои ман ту ҳастӣ, Тоҷикистон!

Ва дар ин дунёи зебову рангин, дар оғӯши ту боз як гӯшаи сарсабзу баландҳаво ва дилнишине ҳаст, ки барои ман аз ҳама азизтар аст. Ин гӯшаи азиз хонаи ман, зодгоҳи ман, Ҷиргатоли ман аст. Тоҷикистон – модари бузурги ман! Акнун иҷозат бидеҳ дар хусуси модари кӯчаки худ Ҷиргатол ҳарф бизанам.

Ҷашни 70-солагиат муборак, Ҷиргатол! Мо 70-солагии таъсисёбии туро ҳамчун ноҳия ид дорем, аммо ту таърихи куҳан дорӣ. Албатта, номат дигар буд, аммо ин қуллаҳо, дараву водиҳо, дарёҳо ба ҳар номе, ки набошанд, ҳамонанду ҳамон. Олимону муҳаққиқон исбот карда истодаанд, ки Зардушт аз оғӯши ту ба дунёи калон баромадааст. Оташкадаи машҳури Навбаҳор аввал дар водии Лахши ту сохта шуда буд. Балхи овозадори Афғонистонро муҳоҷирони кӯҳистони мо дар ёди Балхи Питавкӯл бунёд кардаанд. Албурз бо ёди

қуллаи Бурс (ҳозира қуллаи Исмоили Сомонӣ) номи имрӯзаашро гирифтааст. Ин муҳоҷирон қабилаҳои ориёие буданд, ки бо сабабҳои номаълум, шояд ҷангҳои қабилавӣ бошад ё офати табиӣ, ё чунон ки дар «Авасто» гуфта шудааст: «Аҳриман» ба ин ҷо сарморо фиристодааст, ночор ба тарафи ғарб кӯч баста, минбаъд дар қитъаҳои Осиёву Аврупо паҳну парешон гардидаанд. Ба ҳар ҳол барои ман фарқе надорад, ки дар оғӯши ту кӣ зиндагӣ кардаасту кӣ зиндагӣ дорад. Муҳимаш ин, ки ту ибтидои Ватани бузурги ман, зодгоҳи ман, гаҳвораи ман астӣ. Алҳол дар домани қуллаҳои осмонбӯси ту тоҷикону қирғизҳо дӯстона ва аҳлона зиндагӣ доранд. Оилаҳои омехта рӯз то рӯз зиёд шуда истодааст. Тоҷике нест, ки қирғизиро надонад ё қирғизе нест, ки тоҷикро нафаҳмад. Маданияти омехтаи наве, урфу одати наве ташаккул ёфта истодааст, ки на дар Тоҷикистон дида мешаваду на дар Қирғизистон. Он хоси фақат Ҷиргатол аст. Насли имрӯзаи мардуми Ҷиргатол хушбахтанд, ки яку якбора тамадуни ду халқ – тоҷикону қирғизҳоро меросдорӣ мекунанд.

Бешак он рӯз дур нест, ки олимони Тоҷикистону Қирғизистон дар бобати маданият, урфу одат, фолклор ва дӯстии халқҳо дар Ҷиргатол асарҳои шоистае биофаранд. Дӯстии тоҷику қирғиз дар ин ҷо бе завол аст. Касе, ки дигареро паст мезанад, яъне миллатгароӣ мекунад, ё ҳақиқатан аблаҳ аст ё иғвогари гузаро. Чунки инсон ҳама инсон аст. Чунки Зардушт мефармояд: « На танҳо пиндор, ҳамчунин рафтору гуфтори инсон бояд нек бошад. Чунки дар Қуръони Шариф омадааст: «Мӯъмин бародари мӯъмин аст». Чунки дар таълимоти Ислом тоҷику қирғиз, туркману ӯзбек нест, балки як миллат – миллати Иброҳими Халилуллоҳ асту бас. Чунки хуни бани одам ҳама сурх аст.

Ҷиргатол, ман туро бо тамоми ҳастӣ дӯст медорам. Бо тамоми баландиву пастӣ, бо талхию ширинӣ, бо ҳама неку бадат дӯст медорам. Чунки зодгоҳ ҳам мис-

ли падару модар якто мешавад. Чунки русҳо «Родителей не выбирают» мегӯянд. Чунки оҳӯи кӯҳсор дар водиҳо зиста наметавонад. Ҳарчанд барои фатҳи қуллаҳоят дасту пойҳоям хароши бисёре хӯрдааст ва дар онҳо неши хору захми хорасангҳо кам нестанд. Ҳарчанд кӯҳсор қоидаҳои сахте дорад, сустиву нозпарвариро намеписандад. Ҳарчанд қадрношиносиҳо баъзан касро абгору дилмурда мекунанд, лекин Ватан бо ҳамин кому нокомиҳо ва ғаму шодиҳояш Ватан аст. Ғаму дарди ватандорӣ гарон аст. Рӯзи ободӣ лофи ватандорӣ задану рӯзи сахтӣ бо ӯ хайрбод гуфтан на расми ватандорист ва на оини ҷавонмардӣ. Ватан бо туфайли фарзандони содиқу вафодор ва меҳнатқарину ҷоннисораш ободу шӯҳратёр аст.

Ҷиргатол – модари мушфиқу вале сахтгири ман! Фарзандони мансабталаб ба мансабҳо расидаанд, сарватхоҳонат сарватманд гардидаанд, аммо ман танҳо ганҷи муҳаббати туро дар сина мепарварам. Ва шукр мекунам, ки ин ганҷи поку беолоиш ва азалӣ аз ҳама қиматтар аст. Онро на сарватманде харида метавонад ва на мансабталоше фурӯхта.

Бозор Собир чӣ хуб гуфта:

*Ман зи ту сарват намехоҳам, Ватан ҳастӣ, бас аст,*
*Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.*

Ба ворисони хеш гуфтаниам, ки:

*Чун равам аз ин ҷаҳон, хоки диёрам орзуст,*
*Пораи шеъре бимонад ёдгорам орзуст.*
*Қабри моро лавҳаҳои мармарин даркор нест,*
*Порае аз шӯхсанги кӯҳсорам орзуст.*

***Тарҷума***

***Кӯчкан САҚТАНОВ***
*(Адиба қирғиз)*

# ҲАСРАТ

*«Ҳар рӯз як кас маро «ҷонам» мегӯяд, аммо ман дар ҳақиқат ҷони касе нестам. Буду шудам як зани бешавҳар. Хонаи бемард хона набудааст. Шавҳар надошта бошӣ, боиси гапу калоча ва ҳазлу шӯхии мардони бегона мешудаӣ. Фикру хаёлҳои гуногун асабро вайрон мекунад. Баъзан субҳ намедамад. Ҷойгаҳ сард, хона холӣ, зиндагӣ якрангу дилбазан.*

*Агар шавҳар бошад...»*

*(Аз рӯзномаи зани бешавҳар)*

Зани ҷавон ба болояш кӯрпа нагирифта дастони базебашро ба болои ронҳои пиласон сафеду фарбеҳаш беҳаракат партофта, танҳо хобидааст. Ақрабаки соати дасташ яки шабро нишон медиҳад, аммо ӯ бедор аст. Вай бисёр шабҳоро ҳамин тавр мижа назада рӯз кардааст. Дар ин гуна мавридҳо, агар аз як тараф танҳоӣ азобаш диҳад, аз тарафи дигар ҳиссиёти табии занонааш ба ҷунбиш омада, аламашро меоварад ва даруни ҷойгаҳе, ки ҳанӯз ҳам гӯё бӯи мард мекунад, чандин соат аз паҳлӯ ба паҳлӯ гашта базӯр хобаш мебарад. Имшаб ҳам хоб аз чашмонаш паридааст. Вай мисли ҳарвақта доруи хоб нахӯрд. Оҳи сарде кашида аз ҷойгаҳ хест ва ба сари мизи хатнависӣ омада, қалам ба даст гирифт.

«Ассалом, зани ношинос!...Солхӯрдаӣ ё ҷавон, барои ман фарқе надорад. Аз ҳама муҳимаш ҳамин ки зан ҳастӣ. Аз ҳамин сабаб қарор додам, ба воситаи редакция ба ту розӣ дил кунам.

Ба саволҳои духтари панҷсолаам «Барои чӣ дадом нест?», «Чаро аз мо ҷудо зиндагӣ мекунад?», «Барои чӣ вақти дар беморхона хобиданам дадоҳои дигарон омаданду дадои ман не?» ҷавоб наёфта дилам хун мешавад. Боре, дар арафаи ид «Духтарам, дар рӯзи ид чӣ мехостӣ?» – гӯям, «Бо падарам будан мехоҳам», – мегӯяд. Ин хоҳиши вай вақти ба ягон ҷо меҳмонӣ рафтанамон боз ҳам хурӯҷ мекунад. Аз гардани падари Анораи хурдакак оғӯш намуда «Амак маро боло – боло партоед, то шифт расонед – чӣ», мегӯянд ва ба Анора, ки «Дадо, дадо…» – гуфта ба падараш наздик мешуд, «Ин дадои ман, аз они худам … Дадои ман!» гуфта боз ҳам сахттар мечаспад. Ҳамин тавр дар дили хурдакаки вай хумори падар ҳар қадар афзояд, ман ҳамон қадар мутаассир мешавам.

Дар хона танҳо монда гиря мекунам. «Оҳ худоё, агар ҳамааш аз нав сар мешуд! Он гоҳ ту хушбахт мебудӣ, духтарам. Падарат доимо ҳамроҳат мешуд», мегӯям. Аммо дер шудааст… Бахтамро пушти по задам. Аз сабаби худбинӣ ва ҳавобаландиам на танҳо худ, балки духтарам ва падари ӯро ҳам бадбахт кардам. Духтарам аз падараш зиндаҷудо шуд.

Ҳамаи инро ман баъдтар, вақте ки бешавҳар мондам, фаҳмидам. Ман барин занҳо имрӯз баробарҳуқуқиро ба таври худ шиор намуда, аз ҳад гузаронданд. Фарзандашонро ятим, худашонро бева ва чандин мардони хубро хонавайрон карданашонро акнун фаҳмидам.

Вақте ки «Чаро ҷудо шудед?» гуфта мепурсиданд, ман ӯро худбин, ба кӯдак нигоҳубин намекард, ба ман ёрӣ намедод», гуфта худамро сафед кардан мешудам.

Вале акнун ки солҳо гузашта, духтарам ба падар, худам ба шахси наздике мӯҳтоҷ ҳастам, ҳамаашро дониста, ӯро сафед ва худамро сиёҳ карда истодаам.

Мо ҳамдигарро дӯст дошта, бо хоҳиши худ хонадор шуда будем. Вале рӯзгори хушбахтонаи мо дер давом накард. Ҳамааш аз майдачуйдаҳо, махсусан аз сабукфикрии худам ва «насиҳатҳои» баъзе занони лаққӣ сар шуд, ки мегуфтанд: «Мардро аз аввал сахт доштан лозим. Ҳозир замона дигар аст. Кори мардҳо кардагиро мо ҳам карда, ёфтагиашонро меёбем. Бигзор, дар хона онҳо ҳам монанди мо кор кунанд».

Дар ёдам ҳаст… Аммо ҳамаашро ҳоҷати нақл кардан набудагист. Як рӯз – «Тугмаи кӯртаамро дӯхта мон» гуфту аз ман ҷавоби «Худат ҳам даст дорӣ, ман вақт надорам» – шунид. Баъд аз ин вай тугмаашро худаш дӯхта, баъзан куртаашро ҳам худаш мешустагӣ шуд. Шимашро низ худаш дарзмол мекард. Аз ҳамин ва ё боз бисёр сабабҳои дигар бошад, ки як сол нагузашта вай нисбат ба ман беparво шуда монд. Ниҳоят аз муҳаббат, самимият ва меҳри падариаш осоре намонд.

Рӯзе баъд аз ҷанҷоли навбатӣ пиҷакашро ба китф партофта аз хона баромада рафт. Дигар барнагашт. Ман акнун фаҳмидам, ки марди хуб аз хона равад, баракати хона ҳам ҳамроҳаш мерафтааст. Зани бемард ҳамчун гули беоб номаълум пажмурда мегаштааст.

«Зани хуб шавҳари бад надорад» мегӯянд, дуруст аст. Албатта, мардҳои бади ислоҳнашаванда ҳам кам нестанд. Аммо агар мард бадмаст, сангдил ва танбал набошад, ӯро шавҳари хуб, падари меҳрубон кардан дар дасти худи зан аст. Зиндагии ин гуна занҳоро дида ҳасад мебарам, рашкам меояд ва аз он ки дар вақташ ҳамин гуна зан шуда натавонистам, афсӯс мехӯрам.

О, ҷинси зан, дод гӯям, овозамро мешунавӣ? Бо

вуҷуди доҳиёнро таваллуд карданамон, худ ҳеҷ гоҳ доҳӣ шуда наметавонем! Ин аз табиати мост. Аммо модари мушфиқу оқила шудан аз дастамон меояд – ку?! Пас чаро дар чор тарафи дунё монанди ман бевазанҳо бисёр шуда истодаанд?! Чаро зери осмони софу беҷанг ятимони зиндаҷудо дар хумори падар ашк мерезанд? Барои чӣ?!».

Вай дигар чизе навишта натавонист. Якбора тамоми вуҷудашро хастагӣ фаро гирифт. Оҳи бадарде кашида, сарашро байни панҷаҳояш фишурд.

Дар берун шамоли сахте торафт шиддат гирифта, дарахтонро решакан карданӣ мешавад. Осмони соф ҳам монанди чеҳраи занони бадҷаҳл торафт тира гардида истодааст. Аз афташ, имшаб ҳам то саҳар борон меборад…

*Тарҷума аз забони қирғизӣ*

Барои қайдҳо

## МУНДАРИЧА

ШЕЪРҲО
Боре ба дилам баҳри Худо ҷуз ба қалам нест................3
Сабза......................................................................4
Ҷиргатолам ............................................................5
Шукрона мекунам...................................................6
Ишқи ман ..............................................................7
Боз омадӣ ба хобам ................................................8
Ишқ агар парвоз дорад, боли парвозаш манам ............9
Рез борон................................................................10
Наврӯзӣ .................................................................11
Дарбигирад хонаи ишқ ...........................................12
Ҷавонӣ меравад .....................................................13
Сӯхтан дар оташи ишқе мададгори ман аст ...............14
Дубайтиҳо..............................................................15
Ман шуморо дӯст дорам, одамон ............................17
Надонам дил зи чӣ дар изтироб аст..........................19
Дар ёди ҷавонӣ .......................................................20
Бар канори қуллаҳои сарбаланд ..............................21
Шеъри ман .............................................................22
Қитъа .....................................................................23
Даргоҳи падар.........................................................24
Қарз........................................................................25
Боз як соли дигар аз роҳи умри мо гузашт.................26
Омад канал.............................................................27
Ба ҷашни Истиқлоли Тоҷикистони азиз .....................28
Ситора ...................................................................29
Ба рӯзи Забони тоҷикӣ.............................................30
Ба рӯзи Сарқонуни Тоҷикистон.................................31
Ба рӯзи Артиши миллии тоҷик ..................................32
Саное ба модар .......................................................33
Оча, кулча ..............................................................34
Ҳирс агар раҳбар шавад, серӣ набинӣ дар ҷаҳон........35
Зимистон ...............................................................36
Чакидаҳо ...............................................................37

Ту ва ман ........................................ 38
Шамъ месӯзаду ман ........................................ 39
Резаҳо ........................................ 40
Зиндагӣ ........................................ 41
Навбаҳори умр рафту ........................................ 42
Лахши ман ........................................ 43
Дар зодрӯзи дӯстам ........................................ 44
Ба човандози номӣ Алдоқул Тоиров ........................................ 45
Ишқ ........................................ 46
Дар соли нави Масеҳӣ ........................................ 47
Ганҷи ҳикман ........................................ 48
Чун аз нигоҳи гармаш дилгарми рӯзгорам ........................................ 49
Надонам дил зи чӣ дар изтироб аст ........................................ 50
Аз пастҳо чизе магӯ, бар осмон назора кун ........................................ 51
Макун ёди ҷавонию маҷӯ асрори дунёро ........................................ 52
Боз хоҳам эй рафиқ, ишқи ҷаҳонсӯзе дигар ........................................ 53
Дар таъсиси рӯзномаи озоди «Овози Лахш» ........................................ 54
Ба машшоқ ва овозхони шинохта
Муҳаббати Абдураҳим ........................................ 55
Наврӯзи Аҷам зинда шуд, эҳёш муборак ........................................ 56

НАСРПОРАҲО
Аз ҳамдигар наранҷед ........................................ 57
Эй одам! ........................................ 58
Ишқ ........................................ 59
Бахт ........................................ 60
Қонун ........................................ 61
Ҳамсоя ........................................ 64
Ватан ҳастӣ, бас аст ........................................ 65

ТАРҶУМА
Кӯчкан Сақтанов. Ҳасрат ........................................ 69

**Низоми Абдуҷалил**

**АФСОНАИ ДИЛ**
(Шеърҳо ва ҳикояҳо)

Муҳаррири ороиш Р.Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М.Саидова

Ба матбаа 30.03.2009 таҳвил гардид. Чопаш 31.05.2009 ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/16. Чопи офсет. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4,75. Адади нашр 1000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а

Дар матбааи «Оила-принт» чоп шудааст.